# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

# Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014"

Ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2013, № 1025 "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014", Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 октябри соли 2013, №1312 "Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2016", инчунин бо мақсади ба даромади буҷети давлатӣ ҷалб намудани захираҳо, таъмини истифодаи самарабахши маблағҳои буҷетӣ, мусоидат ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Вазорату идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, корхонаю муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо:

- барои таъмини иҷрои саривақтии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" ва Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, иҷрои онро дар мӯҳлатҳои муқарраргардида таъмин намоянд;

- лоиҳаҳои барномаҳои соҳавиро, ки дар давраи миёнамӯҳлат маблағгузориро аз ҳисоби Буҷети давлатӣ талаб менамоянд, дар доираи нишондиҳандаҳои тасдиқгардидаи Буҷети давлатӣ барои солҳои 2015-2016 таҳия ва пешниҳод намоянд;

- бо мақсади таъмини назорати шумораи кормандони ташкилотҳои буҷетӣ ва хароҷот барои нигоҳдории онҳо, ҳармоҳа ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шумораи воқеии кормандон ва мавҷуд будани воҳидҳои холии корӣ аз рӯи гурӯҳи

вазифаҳо дар дастгоҳҳои марказии вазорату идораҳо ва муассисаҳои тобеашон маълумот ирсол намоянд;

- хариди мол, кор ва хизматрасониеро, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ анҷом дода мешавад, бо пешниходи протоколи комиссияи тендерӣ амалӣ намоянд;

- номгӯи иншооти дар соли 2014 аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ сохташавандаро дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати маблағгузорӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

- истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, аз ҷумла барои сохтмони асосӣ ҷудошавандаро таъмин карда, оид ба ҳаҷми корҳои иҷрошуда ҳар моҳ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд;

- оид ба пардохти музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ бо кортҳои электронӣ тавассути Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" чораҳои зарурӣ андешанд;

- дар соли 2014 воридот ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатиро мутобиқи қисми 2 моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" таъмин намоянд.

2. Меъёрҳои маблағгузории сарикасии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соли 2014 тибқи замимаи 1 ва коэффитсиентҳои махсуси шаҳрӣ ва ноҳиявии маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тибқи замимаи 2 тасдиқ карда шаванд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- якҷоя бо вазорату идораҳо, ташкилотҳои буҷетӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба иҷрои қисми даромади Буҷети давлатӣ чораҳои зарурӣ андешида, истифодаи маблағҳои буҷетиро мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" таъмин намояд. Маблағгузории чорабиниҳои дар Буҷети давлатӣ пешбинишударо дар доираи даромадҳои воқеии воридгардида амалӣ намуда, дар навбати аввал маблағгузории музди меҳнат, пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ, нафақа, стипендия, ёрдампулиҳоро таъмин намояд;

- дар ҳолати зарурӣ бо мақсади сари вақт ва сифатнок иҷро намудани буҷет, ба тақсимоти семоҳаи даромад ва хароҷот, инчунин

- дар моддаҳои хароҷоти сметаҳои ташкилотҳои буҷетӣ дар доираи буҷети солонаи тасдиқшудаи соли 2014 тағйирот ворид намояд. Дар сурати мавҷуд будани сарфа аз рӯи моддаҳои хароҷот ва набудани қарздорӣ аз рӯи онҳо, бо тартиби муқарраргардида дар маблағгузории моддаҳои хароҷот тағйироти дахлдор ворид намояд;

- бо сабаби тағйир ёфтани ҳаҷми истеҳсолот (кор ва хизматрасонӣ), андозаи нархҳо ва тағйирёбии сохторӣ, инчунин заминаи андозбандӣ, ки аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи мақомоти давлатӣ бармеояд, бо тартиби муқарраргардида дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллии дахлдор ҳисобҳои байниҳамдигарӣ гузаронида, мувофиқан байни даромад ва хароҷоти сатҳи буҷетҳои дахлдор тағйирот ворид намояд;

- дар ҳолати иҷро нагардидан ё барзиёд иҷро гардидани маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ нисбат ба маблағҳои тасдиқшудаи Буҷети давлатӣ, дар сметаи даромад ва хароҷоти онҳо ва мутаносибан дар қисми даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти дахлдор ворид намояд;

- дар ҳолати ба вуҷуд омадани норасоии маблағгузории хазинавӣ дар иҷроиши Буҷети давлатӣ, хароҷоти дар буҷет пешбинишудаи вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳоеро, ки маблағҳои махсус доранд, аз ҳисоби маблағҳои махсуси онҳо амалӣ намояд;

- якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк", инчунин бонкҳои дигари ҷумҳурӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ, барои тақвият ба ташкили пурраи шабакаи ягонаи иттилоотӣ байни мақомоти молия, андоз, гумрук, бонкҳо ва дигар идораҳои дахлдор чораҳои иловагӣ андешанд;

- якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳо аз рӯи пардохти андозҳои солҳои гузашта, ба истисноӣ андози даромад ва андози иҷтимоӣ, бо дарназардошти зарурати ихтисор кардани қарзи муассисаҳои буҷетӣ аз ҳамин корхонаҳо ва ташкилотҳо, ки ба 1 январи соли 2014 ба вуҷуд омадааст, ҳисоббаробаркунии байни онҳоро бе тағйир додани иҷрои воқеии даромад ва хароҷоти буҷет анҷом диҳад;

- дар якҷоягӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пурра амали намудани тартиби дар шакли электронӣ ба ҳисобвараҳаҳои андозсупорандагон гузаронидани маблағи андозҳои пардохтшуда чораҷӯӣ намоянд;

- аз 1 январи соли 2014 50 фоизи маблағи умумии пинҳонкардашудаи (кам нишондодашудаи) андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳо аз рӯи онҳо, ки дар рафти корҳои назоратӣ ошкор гардидаанд ва 50 фоизи маблағи хироҷҳои гумрукиро ба буҷети ҷумҳуриявӣ равон намояд;

- якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ ҳар семоҳа ба буҷет гузаронидани 35 фоизи маблағҳои махсуси Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 фоизи маблағҳои махсуси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, 5 фоизи маблағҳои махсуси муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 10 фоизи маблағҳои махсуси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф, илм, фарҳанг, дастгоҳҳои марказӣ ва сохтори Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 фоизи маблағҳои махсуси дигар муассиса ва ташкилотҳои буҷетиро, ба истиснои маблағҳои грантӣ ва сарпарастӣ, мутобиқи қисми 1 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" таъмин намояд;

- якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти кӯмакпулиҳои якваҳтаро ба хизматчиёни давлатӣ ҳангоми ба нафақа баромадан ва дар ҳолати фавти онҳо бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои асоснок аз ҳисоби маблагҳои буҷети ҷумҳуриявии барои мақомоти идораи давлатӣ дар соли 2014 пешбинигардида ва маблағҳои махсуси вазорату идораҳои дахлдор, инчунин аз ҳисоби барзиёд иҷро гардидани даромадҳо ва бақияи озоди буҷетҳои маҳаллӣ амалӣ намояд;

- маблағгузории сармоягузории асосии мутамарказ ва хароҷотеро, ки ҳамчун ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ пешбинӣ шудааст, аз рӯи иншоот дар ҳаҷми маблағҳои дар буҷет тасдиқшуда анҷом диҳад;

- дар оғози семоҳаи аввали соли 2014 ҷудо намудани маблағҳоро ба фармоишгарони иншооти сохтмонашон оғозгардида барои пешпардохти ташкилотҳои пудратӣ ва эҳтиёҷоти онҳо ба андозаи то 20 фоиз аз ҳаҷми маблағҳои асосии семоҳа ҷиҳати харидории захираҳои моддӣ ва таҷҳизот, бо минбаъда ба ҳисоб гирифтани маблағҳои ҷудогардида аз рӯи ҳаҷми маҷмӯи корҳои дар семоҳа иҷрогардида таъмин намояд;

- маблағгузории сармоягузории асосии мутамарказро ба таври қатъӣ дар доираи буҷети тасдиқшуда барои соли 2014 (мувофиқи замимаи 3) тасдиқ намояд ва мутаносибан бо даромади воқеии ба буҷет воридгардида анҷом диҳад;

- мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъсис додани сохторҳои аудити дохилӣ дар вазорату идораҳое, ки мувофиқи меъёрҳои тасдиқгардида бояд ин сохторҳоро дошта бошанд, мусоидат намуда, ба онҳо кӯмаки амалӣ ва методӣ расонад;

- барои пӯшонидани касри буҷет векселҳои кӯтоҳмуддати хазинадориро дар ҳаҷми 80,0 млн.сомонӣ ба муомилот барорад;

- бо мақсади барқарор намудани сармояи Бонки миллии Тоҷикистон, аз рӯи ҳолати воқеии тавозуни Бонки миллии Тоҷикистон векселҳои хазинадориро дар ҳаҷми 400,0 млн. сомонӣ ба мӯҳлати 1 сол бо меъёри бозтамвил ба муомилот барорад;

- оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014 ҳар семоҳа ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд;

- дар бораи истифодабарии маблағҳои Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт дар соли 2014 ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона пешниҳод намояд;

- бо мақсади таъмини шаффофияти хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ҳар семоҳа тавассути воситаҳои ахбори омма оид ба чараёни иҷрои қисми даромад ва хароҷоти, Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014 маълумот нашр намояд;

- дар Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими

давлатӣ суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявиро кушояд;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида дастурамал оид ба ворид намудани маблағҳо ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатиро таҳия ва тасдиқ намояд.

4. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк;", инчунин бонкҳои дигари ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ воридоти андозҳо ва даромадҳоро ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мутобиқи меъёрҳои дар моддаи 13 ва қисми 2 моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" муқарраргардида ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд;

- якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба рӯёнидани бақияпулии корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ чораҳои зарурӣ андешида, дар оянда ба пайдо гардидани онҳо роҳ надиҳанд;

- якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи махаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати омӯзиш ва фаҳмондадиҳии муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тамоми андозсупорандагон чораҳои зарурӣ андешида, дар самти баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ва ҳисси масъулияти роҳбарони корхонаву ташкилотҳо тадбирҳои мушаххас андешанд;

- ҳисоботи фавриро оид ба пардохти даромадҳои давлатӣ ҳар моҳ на дертар аз санаи 10 - уми баъди моҳи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниход намоянд;

- истифодаи мақсадноки маблағҳоро дар ҳаҷми 50 фоизи маблағи умумии пинҳонкардашудаи (кам нишондодашудаи) андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳои дар рафти фаъолияти назоратӣ ва тафтишотӣ аз рӯи онҳо ошкоргардида ва 50 фоизи хироҷи гумрукӣ, мутобиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" дар барои

ҳавасмандгардонии кормандон ва инкишофи заминаи моддию техникии мақомоти андоз ва гумрук таъмин намоянд;

- якҷоя бо мақомоти молияи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати иҷрои нақшаи воридоти андози иҷтимоии ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ чораҳои зарурӣ андешида, оид ба пардохти онҳо ҳар моҳ на дертар аз санаи 10 моҳи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи фаврӣ пешниҳод намоянд.

5. Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ҳамчунин дигар бонкҳои ҷумҳурӣ пардохти андози иҷтимоиро ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тибқи меъёрҳои дар қисми 3 моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" муқарраргардида таъмин намоянд.

6. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини иҷрои манбаъҳои даромади Буҷети давлатиро, ки бевосита ба фаъолияти мақомоти онҳо мансубанд, зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

7. Вазорату идораҳо, муассисаю корхонаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд:

- то 15 январи соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардани сметаҳои ягонаи даромад ва хароҷоти тасдиқшударо барои соли 2014 оид ба маблағҳои буҷетӣ ва махсуси муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ таъмин намоянд;

- хариди арзишҳои молию моддӣ, сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, аз ҷумла молу мулки ҳарбӣ ва ҷойгиркунии фармоиши мудофиавии давлатиро дар навбати аввал аз молистеҳсолкунандагони ватанӣ (аз корхонаю ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва танҳо дар ҳолати мавҷуд. набудани онҳо дар бозори дохилӣ, аз субъектҳои хоҷагидори бурунмарзӣ анҷом диҳанд.

8. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- бақияи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои махсуси дар суратҳисобҳои намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба ҳолати 1 январи соли 2014 бавуҷудомадаро бо тариқи мақсаднок барои маблағгузории хароҷоти дар буҷети соли 2014 пешбинишуда, аз ҷумла барои сохтмони биноҳои маъмурӣ равона намояд;

- ҳар семоҳа пешниҳоди ҳисоботи муҳосибиро оид ба маблағҳои буҷетӣ ва даромади консулӣ, аз ҷумла аз рӯи намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то санаи 10-уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботӣ фаро мерасад, таъмин намояд.

9. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҷиҳати баланд бардоштани фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои зертобеи худ, инчунин сари вақт таъмин намудани ӯҳдадориҳои онҳо дар назди Буҷети давлатӣ аз рӯи андозҳо, созишномаҳои қарзӣ ва зерқарзӣ чораҳои зарурӣ андешад;

- якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ чораҳои зарурӣ андешад.

10. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ оид ба саривақт ва самаранок татбиқ намудани лоиҳаҳои муштараки сармоягузории давлатӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

11. Марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ:

- сари вақт ва пурра ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид намудани андозҳои муқарраршударо аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки тибқи шартномаҳо (қарордодҳо) дар марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ фаъолият мекунанд ва андози даромад аз кормандони дар марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ фаъолиятдоштаро таъмин намоянд;

- то санаи 5-уми ҳар моҳ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси истифодаи маблағҳое, ки аз ҳисоби шарикони рушд ба сифати кӯмак ва қарзи беруна барои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда мешаванд, хисобот пешниҳод намоянд;

- то 15 январи соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсимоти маблағҳои грантӣ ва қарзиро аз рӯи унсурҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ барои сохтмони иншоот, хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо дар ҳар як ноҳия ва шаҳрҳои ҷумҳурӣ барои тамоми солҳои татбиқи лоиҳаҳо пешниҳод намоянд;

- ҳар семоҳа на дертар аз санаи 10 - уми моҳи баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи натиҷаҳои азхудкунии маблағҳои грантӣ ва қарзӣ оид ба сохтмони иншоот, хизматрасониҳо ва иҷрои корҳо дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои ҷумҳурӣ ҳисобот пешниҳод намоянд.

12. Вазорату идораҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидор сарфи назар аз шакли моликияташон, ҳар семоҳа на дертар аз санаи 10-уми моҳи баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи қарзҳои берунии бо кафолати давлат ҷалбкардашуда мавҷудият ва гардиши маблағҳои қарзӣ барои баҳисобгирии қарзи давлатии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

13. Бо мақсади сари вақт хизматрасонӣ намудани қарзҳои берунии давлатӣ ва дохилӣ:

- Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик", Корхонаи воҳиди давлатии "Обу корези Душанбе", Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷиктрансгаз", Бонки миллии Тоҷикистон, Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷиксодиротбонк", Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк", Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Агроинвестбонк", Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Помир энерҷӣ", Муассисаи давлатии Меҳмонхонаи "Истиқлол"-и Муассисаи давлатии Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии Меҳмонхонаи "Авесто"-и Муассисаи давлатии Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷиксемент", Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе", Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" ва Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии "Панҷ" қарзҳои худро дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт пардохт намуда, минбаъд иҷрои ӯҳдадориҳоро мутобиқи шартҳои созишномаҳои зерқарзӣ дар доираи созишномаҳои қарзӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои

сармоягузорие, ки дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои шарикони рушд амалӣ мегарданд, таъмин намоянд;

- Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷикаэронавигатсия", Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик", Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе", Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд", Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷиктелеком", Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии "Хуҷандобуканал", Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзиллию коммуналӣ", Корхонаи воҳиди давлатии "Троллейбус", Корхонаи воҳиди давлатии "Хизматрасонии нақлиёти санитарии шаҳри Хуҷанд", мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Қолинҳои Қайроққум", Корхонаи коммуналии "Шӯъбаи манзилию коммуналӣ ва хоҷагидорӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода" ва Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии "Хоҷагии манзиллию коммуналӣ"-и шаҳри Қӯрғонтеппа ҷиҳати таъмини хизматрасонии қарзҳои худ дар назди ташкилотҳои шарикони рушд мутобиқи шартҳои созишномаҳое, ки таҳти кафолати давлатӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба имзо расонида шудаанд, чораҳои зарурӣ андешанд.

14. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҳисоби барзиёд иҷро намудани қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ, дар ҳолати мавҷуд набудани қарздорӣ аз рӯи моддаҳои ҳимояшавандаи хароҷот ва ҷалби дигар захираҳои иловатии молиявӣ метавонанд бо тартиби муқарраргардида маблағҳоро барои татбиқи барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳои дахлдор ва инчунин барои маблағгузории асосӣ ҷиҳати барқарорсозӣ ва сохтмони иншооти маҳаллӣ, таъмиру нигоҳдории роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта ва ободонии шаҳру ноҳияҳо равона намоянд.

15. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҷиҳати самаранок истифода бурдани маблағҳои дар буҷети соли 2014 барои дастгирии ин соҳаҳо пешбинишуда чораҳои зарурӣ андешида, иҷрои барномаҳои ҷиҳати барқарорсозӣ ва рушди соҳаҳо қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намоянд.

Дар ин робита истифодаи самараноки замину обро ҷиҳати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ, занбӯри асалпарварӣ ва боғу токпарварӣ, коркард за афзун намудани ҳаҷми содироти онҳо, зиёд ва беҳтар намудани саршумори чорвою парранда ва маҳсулоти зотӣ, инчунин биотехнологияи онҳо, барномаи мубориза бар зидди малах, истифодаи навъҳои тухмии аълосифати ғалладона ва картошка, истифодаи маблағҳои Фонди давлатии тухмӣ, риояи технологияи парвариш ва истеҳсоли онҳо дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ таъмин намоянд. Ҳамчунин дар мӯҳлатҳои муқарраршуда иҷрои корҳои таъмиру барқарорсозии системаҳои ирригатсионӣ ва обёрӣ, истгоҳҳои обтаъминкунанда, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаю эҳтиёткоронаи захираҳои табииро таъмин намоянд;

- ҳар семоха то санаи 10-уми моҳи баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот ва дигар маълумотро оид ба истифодаи маблағҳо аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ пешниҳод намоянд.

16. Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии "Тоҷикагролизинг" истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои дар буҷети соли 2014 барои харидории техника ва таҷҳизотм кишоварзӣ пещбинигардидаро таъмин намуда, ҷиҳати ба иҷора додани техникаи кишоварзӣ бо мақсади таъмини барқароркунии арзиши аввалаи он ва истифодаи минбаъдаи маблағҳои баъд аз ҳисоб ва пардохти андозҳо бадастомада барои васеъ намудани фонди гардишии амалиёти лизингӣ чораҳои зарурӣ андешад.

17. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- якҷоя бо мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ба маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд, аз рӯи меъёрҳои минималӣ мувофиқи замимаи 1 ва коэффисиентҳои махсуси ноҳиявӣ мувофиқи замимаи 2 чораҳои зарурӣ андешад;

- дар доираи ҳаҷми маблағҳои сармоягузориҳои асосии мутамарказ ба маблағгузории Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавасозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд, афзалият дода, иҷрои онро таъмин намояд.

- дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии

муассисаҳои таълимӣ, таъмини рушд ва ислоҳоти соҳа 1 фоиз аз ҳаҷми воридшудаи маблағҳои махсуси муассисаҳои таълимии тобеи вазорат (ба истиснои муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ) тибқи созишнома бо тартиби муқарраргардида ба суратҳисоби махсуси Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, истифодаи мақсадноки онро тибқи сметаи даромад ва хароҷот таъмин намояд.

18. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- бо мақсади таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, таъмири онҳо, ташкил намудани ташхис ва табобати беморон дар ҳолатҳои фавқулодда (садамаҳо, сар задани бемориҳои сироятӣ ва дигар ҳолатҳои фаврӣ), 5 фоизи ҳаҷми воқеии воридшудаи маблағҳои махсуси муассисаҳои тиббиро (ба истисноии муассисаҳои тиббӣ дар ноҳияҳои таҷрибавӣ) бо тартиби муқарраргардида ба суратҳисоби махсуси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, истифодаи мақсадноки онро тибқи сметаи даромад ва хароҷот амалӣ намояд;

- ҳар семоҳа оид ба хароҷоти маблағҳои мазкур ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

19. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ то 15 феврали соли 2014 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати шаҳрвандонеро, ки аз имтиёзҳои тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда истифода мебаранд ва аз Буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, аз рӯи гурӯҳҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ пешниҳод намоянд.

20. Ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, ки:

- дар ҳолати ба миён омадани норасогии маблағ дар буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, бо мақсади маблағгузории саривақтии нафақа ва кӯмакпулиҳо, маблағҳои озоди андӯхти нафақавиро ҳамчун қарзи муваққатӣ бо баъдан баргардонидани он, бо дар назардошти фоизҳои бонкӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намояд;

- бо мақсади амалӣ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, № 665 "Дар бораи Қоидаҳои пардохти маблағҳои андӯхти нафақавӣ аз ҳисобномаҳои инфиродии шахсони суғурташуда", ба андозаи 2 фоизи даромади аз ҳисоби маблағҳои андӯхти нафақавии дар депозитҳои бонкӣ ҷойгирбуда, бадаст омадаро, барои хароҷоти маъмуригардонии андӯхти нафақавӣ (маводи канселярӣ, маводи масрафии таҷҳизот ва ҳавасмандгардонии мутахассисони дар ин самт машғулбуда) истифода намояд.

21. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми зарурат бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нишондиҳандаҳои маблағҳои асосии мутамаркази вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои соли 2014 тағйирот ворид намояд.

22. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки вазифаи фармоишгарро иҷро мекунанд, то 20 январи соли 2014 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи иншооти дар соли 2014 сохташавандаро барои мувофиқа пешниҳод намоянд. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон то 25 январи соли 2014 номгӯи иншооти дар соли 2014 сохташавандаро тасдиқ намояд.

23. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" то 5 январи соли 2014 ҳисоби субсидияҳо ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ барои пардохти имтиёзҳои тибқи қонунгузории муқарраргардида пешбинӣ шудаанд ва рӯйхати имтиёздоронро аз рӯи категорияҳо, ки аз тарафи мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ гардидаанд, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

24. Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ва Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар доираи маблағҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014 пешбинишуда ҷиҳати беҳтар намудани таъмини аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

25. Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик" ҳисобот ва баҳисобгирии фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории худро бо стандартҳои байналмилалии ҳисоботҳои молиявӣ мутобиқ намуда, ҷиҳати пурра ҷамъоварӣ намудани маблағҳо аз хизматрасонии қувваи барқ ва иҷрои ӯҳдадориҳои худ дар назди буҷет аз рӯи пардохти андозҳои ҷорӣ ва кам кардани бақияпулиҳо аз рӯи андозҳои солҳои гузашта чораҳои зарурӣ андешад ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа маълумот пешниҳод намояд.

26. Ба Бонки миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад, ки якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати молиявиро оид ба депозитҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар суратҳисоби корреспондентии Бонки миллии Тоҷикистон ва қарзи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси шартномаи дуҷониба ба роҳ монда, иҷрои ӯҳдадориҳои худро ҳар семоҳа сари вақт таъмин намоянд.

27. Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷиксодиротбонк" ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Ориёнбонк" пардохти фоизҳо ва баргардонидани қарзи аз ҳисоби маблағҳои фурӯши саҳмияҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи "НБО Роғун" гирифташударо дар мӯҳлатҳои муқарраргардида таъмин намоянд.

28. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи марказии Ташкилоти мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии таъмини амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии фелдъегерии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар идораҳои ба мақомоти ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқ баробаркардашуда:

- дар мӯҳлатҳои муайяншуда ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани сметаҳои ягонаи даромад ва хароҷотро дар сатҳи барномаҳо оид ба маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои махсуси ҳамаи ҷузъу томҳо ва хадамоте, ки аз тариқи Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешаванд, бо ҳисоби алоҳидаи моддаҳои хароҷотӣ ва рӯйхати штатии дастгоҳҳои марказӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо таъмин намоянд. Ба таври ҳатмӣ сметаҳои алоҳидаи хароҷотро барои нигоҳдории муассисаҳои олии ҳарбии таълимӣ, инчунин муассисаҳои ҳарбии тиббӣ пешниҳод намоянд;

- роҳкироро ба маҳалли гузаронидани рухсатӣ ва бозгашт (як маротиба дар як сол) танҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда пардохт намоянд;

- ба ҳолати казармавӣ гузаронидани ҳайати шахсиро танҳо дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд ва пардохти ҷубронпулиро барои ин мақсад дар доираи маблағҳои фонди музди меҳнат ва сметаи хароҷоти тасдиқшуда анҷом диҳанд;

- пардохти маблағҳоро барои табобати санаторию курортии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мувофиқи тартиби муқарраргардида дар доираи маблағҳое, ки дар сметаи хароҷоти вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин мақсад пешбинӣ шудаанд, анҷом диҳанд;

- хароҷоти нигоҳдории шумораи курсантҳо ва шунавандагони дар муассисаҳои таълимӣ-ҳарбии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳсилдоштаро ба маблағҳое, ки дар сметаи хароҷот барои ин мақсад пешбинӣ шудаанд, мутобиқ намоянд;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳиро оид ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дар хоҷагиҳои ёрирасон истеҳсолшаванда бо ифодаи пулӣ ба роҳ монда, дар даромад ва хароҷот онро пурра ба инобат гиранд ва ҳар семоҳа то санаи 15 моҳи баъди давраи ҳисоботӣ пешниҳоди ҳисоботи дахлдорро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд;

- ҳар семоҳа то санаи 15 моҳи баъди давраи ҳисоботӣ оид ба миқдори кӯмаки техникии (дар шакли пулӣ ва ё натуралӣ) аз давлатҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ гирифташуда ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд;

- назорати қатъии истифодабарии мақсадноки маблағҳои дар сметаи хароҷот барои пардохти таъминоти пулӣ, нафақа ва кӯмакпулӣ пешбинишударо таъмин намоянд.

29. Агентии таъмини амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ҳаҷми маблағҳои тасдиқшудаи буҷетии марказонидашудаи соли 2014-ро барои таҳвили озуқа, ашё ва дигар амволи моддию техникӣ ба Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо, ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намояд;

- бо вазорату идораҳои дахлдор номгӯй ва миқдори маҳсулоти (захираҳои моддию техникии) таҳвилшавандаро мувофиқа намояд;

- ҳар моҳ то санаи 15 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани ҳисоботро оид ба таҳвили озуқа, ашё ва дигар амволи моддию техникӣ ба вазорату ва идораҳои қудратӣ бо ифодаи арзишӣ ва аслӣ таъмин намояд;

- якҷоя бо Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани озмунро (тендер) барои супоридани фармоиши мудофиавӣ ба корхонаю ташкилотҳои ҷумҳурӣ ташкил намуда, лоиҳаи санади дахлдорро оид номгӯи корхонаҳои иҷроркунанда, инчунин ҳаҷм ва номгӯи маҳсулоти дар доираи фармоиши мудофиавӣ таҳвилшавандаро барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

30. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" маблағҳоеро, ки аз ҳисоби додани сертификат ба ихтиёри онҳо мононда мешаванд, барои азнавтаҷҳизонӣ бо технологияи муосир равона намуда, оид ба истифодаи мақсадноки онҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 июл ва 31 декабри соли 2014 ҳисобот пешниҳод намояд.

31. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологиҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди

маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик", Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ва дигар вазорату идораҳо дар сметаҳои хароҷот барои соли 2014, бо дарназардошти имкониятҳои буҷети тасдиқшуда, дархосту пешниҳодҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" бармеоянд, ба инобат гиранд.

32. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ:

- мувофиқи тартиби муқарраргардида маблағгузории саривақтии пардохти ҷубронпулӣ ба мактаббачагон, маъюбон ва иштирокчиёни рафъи оқибатҳои фалокати Нерӯгоҳи барқии атомии Чернобил, инчунин ҷубронпулӣ ба муаллимонро барои хизматрасонии коммуналӣ дар доираи маблағҳои дар буҷетҳои дахлдор пешбинишуда таъмин намоянд;

- дар ҳолати норасоии маблағгузории фонди музди меҳнат ва дигар моддаҳои ҳимояшавандаи дар буҷетҳои маҳаллии соли 2014 пешбинишуда, маблағҳои озоди ба ҳолати 1 январи соли 2014 бавуҷудомада ва маблағҳои иҷрои барзиёди даромади буҷети соли 2014-ро дар навбати аввал ба ин мақсадҳо равона намоянд;

- маблағҳои истифоданагардидаи фонди музди меҳнатро, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ ба тариқи субвенсия ва ҳисоби байниҳамдигарӣ ҷудо карда шудаанд, дар охири соли молиявии 2014 ба буҷети ҷумҳуриявӣ баргардонанд;

- пардохти 20 фоизи иҷрои барзиёди қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи маҳаллиро ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт таъмин намоянд.

- маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумиро, ки ба маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд, тибқи меъёрҳои тасдиқгардида пурра ва сари вақт таъмин намоянд.

33. Вазорату идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳар семоҳа аз ҷараёни иҷрои қарори мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

34. Назорати ичрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 3 январи соли 2014 № 4

ш. Душанбе

Замимаи 1

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 3 январи соли 2014, № 4

# Меъёрҳои маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ба маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд

| Навъи мактаб | Меъёр (сомонњ) | |
|---|---|---|
| | Барои як хонанда | Барои як мактаб |
| Мактабіои миёнаи умумњ (синфіои 1-11) | 646 | 119753 |
| Мактабіои умумии асосњ (синфіои 1-9) | 804 | 48217 |
| Мактабіои ибтидоњ (синфіои 1-4) | 1007 | 17358 |

Замимаи 2

ба қарори Ҳукумати

Ҷумхурии Тоҷикистон

аз 3 январи соли 2014, № 4

# Коэффитсиентҳои махсуси шаҳрӣ ва ноҳиявии маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

| Вилоятіо | Шаіру ноіияіо | Коэффисиентіои махсуси шаірњ ва ноіиявњ |
|---|---|---|
| Вилояти Мухтори Кўіистони Бадахшон | Мурљоб | 1,9 |
| | Роштѕалъа | 1,5 |

| | | |
|---|---|---|
| | Ишкошим | 1,5 |
| | Рўшон | 1,45 |
| | Хоруљ | 1,45 |
| | Шуљнон | 1,45 |
| | Дарвоз | 1,35 |
| | Ванї | 1,35 |
| Вилояти Хатлон | Норак | 1,15 |
| | Шўрообод | 1,2 |
| Вилояти Суљд | Айнњ | 1,15 |
| | Кўiистони Мастчоi | 1,15 |
| | Истиsлол | 1,15 |
| Шаiру ноiияiои тобеи їуміурњ | Рољун | 1,15 |
| | Тавилдара | 1,15 |

Замимаи 3

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 3 январи соли 2014, № 4

Нишондиҳандаҳои сармоягузориҳои асосии муттамарказ барои соли 2014, ки аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд

# Нишондиҳандаҳои сармоягузориҳои асосии муттамарказ барои соли 2014, ки аз ҳисоби маблағи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд

(ҳаз.сомонӣ)

| Номгўи вазоратiо, идораiо ва маsомоти иїроияи маiаллии iокимияти давлатњ | наsшаи соли 2014 |
|---|---|
| Iамагњ Буїети давлатњ: | 2659050 |
| аз їумла: | |
| Агентии суљуртаи иїтимоњ ва нафаsаи назди Iукумати Їуміурии Тоїикистон | 2200 |
| Буїети їуміуриявњ, аз їумла: | 1971450 |

| | |
|---|---|
| Дирексияи сохтмони иншооти іукуматии Дастгоіи иїроияи Президенти Їуміурии Тоїикистон | 363550 |
| Вазорати мудофиаи Їуміурии Тоїикистон | 3200 |
| Кумитаи іолатіои фавsулодда ва мудофиаи граждании назди Іукумати Їуміурии Тоїикистон | 1300 |
| Вазорати адлияи Їуміурии Тоїикистон | 11000 |
| Шўрои адлияи Їуміурии Тоїикистон | 800 |
| Вазорати коріои дохилии Їуміурии Тоїикистон | 6500 |
| Кумитаи давлати амнияти миллии Їуміурии Тоїикистон, аз їумла: | 13500 |
| - Сарраёсати Sўшуніои саріадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Їуміурии Тоїикистон | 3000 |
| Прокуратураи генералии Їуміурии Тоїикистон | 1700 |
| Гвардияи миллии Їуміурии Тоїикистон | 1100 |
| Вазорати молияи Їуміурии Тоїикистон | 4500 |
| Вазорати маориф ва илми Їуміурии Тоїикистон | 22000 |
| Филиали Донишгоіи давлатии Москва ба номи М.Ломоносов дар шаіри Душанбе | 900 |
| Вазорати тандурустњ ва іифзи иїтимоии аіолии Їуміурии Тоїикистон | 14000 |
| Вазорати меінат, муіоїират ва шуљли аіолии Їуміурии Тоїикистон | 9000 |
| Вазорати фаріанги Їуміурии Тоїикистон | 2500 |
| Їамъияти саіомии кушодаи "Нерўгоіи барsии обии Рољун" (барои пурра намудани фонди оинномавњ) | 1340000 |
| Муассисаи давлатии "Мудирияти минтаsаи зериобшавандаи Нерўгоіи барsии обии "Рољун" | 60000 |
| Вазорати энергетика ва захираіои оби Їуміурии Тоїикистон | 1000 |
| Ширкати Саііомии Холдингии Кушодаи "Барsи Тоїик" | 7500 |
| Корхонаи воіиди давлатии "Нафтугаз ва ангишт" | 4600 |
| Їамъияти саіомии кушодаи "Тоїиктрансгаз" | 1000 |
| Агентии беідошти замин ва обёрии назди Іукумати Їуміурии Тоїикистон | 16000 |
| Вазорати кишоварзии Їуміурии Тоїикистон | 1300 |
| Кумитаи іифзи муіити зисти назди Іукумати Їуміурии Тоїикистон | 2000 |
| Вазорати наsлиёти Їуміурии Тоїикистон, аз їумла: | 14000 |

| | |
|---|---|
| iиссаи Iукумати Їумiурии Тоїикистон дар лоиiаи муштараки сармоягузории "Таїдиди роiи автомобилгарди Душанбе-Кулма" (sитьаи Душанбе-Данљара, марiилаи 1, навбати 2 ва 3) | 3050 |
| Агентии назорати давлатии молиявњ ва мубориза бо коррупсияи Їумiурии Тоїикистон | 600 |
| Академияи илмiои Їумiурии Тоїикистон | 1700 |
| Академияи илмiои кишоварзии Тоїикистон | 200 |
| Агентии омори назди Президенти Їумiурии Тоїикистон | 800 |
| Корхонаи воiиди давлатии "Хоiагии манзилию коммуналњ", аз їумла: | 12000 |
| - Муассисаи давлатии "Сарраёсати Тоїикобдеiот" | 1500 |
| Кумитаи їавонон, варзиш ва сайёiии назди Iукумати Їумiурии Тоїикистон | 2000 |
| Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Їумiурии Тоїикистон | 800 |
| Кумитаи меъморњ ва сохтмони назди Iукумати Їумiурии Тоїикистон | 700 |
| Маркази iамоiангсозии лоиiаiо оид ба таїдид ва рушди иншооти инфраструктураи иїтимоњ | 6000 |
| Саридораи геологияи назди Iукумати Їумiурии Тоїикистон | 1600 |
| Мудирияти иншооти сохташавандаи маsомоти иїроияи iокимияти давлатии шаiри Хуїанд | 11600 |
| Шўъбаи сохтмони асосии маsомоти иїроияи iокимияти давлатии ноiияи Мастчоi | 1300 |
| Раёсати сохтмони асосии маsомоти иїроияи iокимияти давлатии шаiри Хуїанд | 1000 |
| Шўъбаи сохтмони асосии маsомоти иїроияи iокимияти давлатии ноiияи Кўiистони Мастчоi | 1300 |
| Филиали Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон оид ба минтаsаи Кўлоб | 5800 |
| Раёсати сохтмони асосии маsомоти иїроияи iокимияти давлатии вилояти Хатлон | 3900 |
| Шўъбаи сохтмони асосии маsомоти иїроияи iокимияти давлатии ноiияи Балїувон | 1800 |
| Шўъбаи сохтмони асосии маsомоти иїроияи iокимияти давлатии ноiияи Носири Хусрав | 800 |
| Шўъбаи сохтмони асосии маsомоти иїроияи iокимияти давлатии ноiияи Данљара | 1200 |
| Шўъбаи сохтмони асосии маsомоти иїроияи iокимияти давлатии ноiияи Мўъминобод | 2500 |
| Шўъбаи сохтмони асосии маsомоти иїроияи iокимияти | |

| | |
|---|---|
| давлатии ноіияи Нуробод | 600 |
| Шўъбаи сохтмони асосии маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Іисор | 700 |
| Шўъбаи сохтмони асосии маsомоти иїроияи іокимияти давлатии шаіри Исфара | 300 |
| Шўъбаи сохтмони асосии маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Їиргатол | 500 |
| Шўъбаи сохтмони асосии маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Рашт | 500 |
| Мудирияти минтаsаи озоди иsтисодии "Суљд" | 700 |
| Мудирияти минтаsаи озоди иsтисодии "Панї" | 1200 |
| Мудирияти минтаsаи озоди иsтисодии "Ишкошим" | 1200 |
| Мудирияти минтаsаи озоди иsтисодии "Данљара" | 1200 |
| Дигаріо | 4000 |
| Буїетіои маіаллњ, аз їумла: | 685400 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии вилояти Хатлон | 30000 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии вилояти Суљд | 40000 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кўіистони Бадахшон | 5000 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии шаіри Душанбе | 585000 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии шаіри Турсунзода | 3500 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии шаіри Рољун | 2000 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Варзоб | 1200 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Рўдакњ | 1000 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Їиргатол | 1200 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Файзобод | 1300 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Іисор | 6000 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Рашт | 3500 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Тавилдара | 1000 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Тоїикобод | 1800 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Нуробод | 700 |
| Маsомоти иїроияи іокимияти давлатии ноіияи Шаіринав | 2200 |